**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Чиллаев Сухроб Ҷӯрахонович дар мавзӯи «Афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии Сайфҷоми Ҳиравӣ дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» барои дарёфти дараҷаи илмии PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ**.

Балоғати суннатии порсии тоҷикӣ яке аз бахшҳое аз адабиётшиносӣ аст, ки ба таҳқиқи маъно, тарзи баён ва санъатҳои бадеӣ дар осори адабӣ мепардозад. Дар имтидоди ташаккули адабиёти порсии тоҷикӣ рисолаҳои зиёди балоғие аз ҷониби назарияпардозони адабӣ навишта шудаанд. Дар миёни онҳо «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон»-и Сайфҷоми Ҳиравӣ саршор аз донишҳо ва маълумоти адабию интиқодӣ аст.

Рисолаи мавриди накд пажӯҳиши комилест, ки муаллифи донишманди он дар заминаи табаҳҳури густардаву жарфи илмӣ, бо истифода аз равишҳои адабиётшиносии муосир ва бо иҳотаву дастрасии комиле, ки ба сарчашмаҳо ва манобеи илмӣ доштааст, рисолаи камшинохта ва аммо арзишманди Сайфҷоми Ҳиравиро ба ҷомеаи илмӣ ошно кардааст.

Густараи пажӯҳиш дар диссертатсияи Чиллаев С. Ҷ. хеле васеъ аст. Ӯ на танҳо дар бораи «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» баҳс меорояд, балки ҳар мавридеро низ, ки ба наҳве бо назарияи шеър ва поэтика пайванд мехӯрад, ба доираи таҳқиқ мекашад. Масалан, дидгоҳҳои мутафаккиронеро чун Абӯнасри Форбӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ, Рашидуддини Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, бо назарияҳои Сайфҷоми Ҳиравӣ мақоисаву муқобала намуда, аҳамияти афкори адабию эстетикӣ ва балоғию интиқодии ӯро дар рушду такомули афкори назарӣ ва адабии асрҳои XIV-XV муайян кардааст.

Диссертатсияи Чиллаев Сухроб Ҷӯрахонович мувофиқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар муқаддима дар баробари таъкид бар аҳамият, зарурат ва ҳадафи пажӯҳиши мавзӯъ, ба таърихи омӯзиши масъала пардохта шудааст. Дар натиҷаи баррасии жарфу дақиқи таърихи омӯзиши мавзӯъ ошкор мешавад, ки ҷойи таҳқиқоти фарогиру густардае дар шинохти илмии «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон»-и Сайфҷоми Ҳиравӣ дар адабиётшиносӣ ҳанӯз холист. Бо такия ба таҷоруб ва дастовардҳои назарию методологии адабиётшиносӣ диссертант мақсад гузоштааст, ки дидгоҳҳои Сайфҷомро роҷеъ ба масоили назарияи шеъру ҳунари шоирӣ, накди адабӣ, тақсимбандии тарзҳои шоирон, саноеи балоғӣ, истилоҳоти адабӣ, сабкшиносӣ ва арӯзу қофия мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Дар доираи объекти таҳқиқот ба ҷуз рисолаи Сайфҷоми Ҳиравӣ ва осори балоғии асримиёнагии форсии тоҷикӣ, инчунин дидгоҳҳои мактабҳои назарии аврупоию русӣ, ки ба масъалаи шеъру шоирӣ дахл кардаанд, фаро гирифта шудаанд. Масалан, агар ишораҳое ё мушобеҳоте дар осори назарияпардозони юнонӣ мисли Афлотун ва Арасту, шеършиносони асримиёнагии порсии тоҷикӣ Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Рашидуддини Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ ва андешамандони муосире мисли Ролан Барт, Рене Уоллек, Остон Уоррен ва суратгароёни русӣ ба назари муаллифи рисола расидааст, ҳама мавриди омӯзиш, муқоиса ва муқобала бо дидгоҳҳои Сайфҷоми Ҳиравӣ қарор гирифтаанд.

Истифодаи огоҳона ва бамаврид аз равишҳои муқоисавию таърихӣ ва матншиносӣ ба диссертант имкон додааст, ки ба натиҷаҳои матлуб даст ёбад. Чунин шеваи таҳқиқ бар аҳамияти назарӣ ва амалии диссертатсия афзудааст. Маводи назарии диссертатсия дар пажӯҳиши минбаъдаи истилоҳоти шеърӣ, таърифу тавзеҳи улуми балоғӣ, арӯзу қофия ва дар таҳияи луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ, таълифи

китобҳои дарсӣ оид ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, сабкшиносӣ муфид хоҳад буд.

Чиллаев С. Ҷ. пажӯҳиши хешро бо баррасии мероси илмию адабии Сайфҷоми Ҳиравӣ оғоз кардааст. Аз назари сохтор рисолаи «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» мисли «Поэтика»-и Арасту ва «Фанни шеър»-и Ибни Сино аз баррасии моҳияти шеър оғоз мешавад, сипас ба тадқиқи монандиҳову тафовутҳо миёни назму наср мепардозад ва баъд аз он ҷанбаҳои илмии балоғат ва истилоҳоту бахшҳои он ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд.

Чиллаев Суҳроб назари Сайфҷоми Ҳиравиро дар бораи мухотаб, ки аксари балоғатпажӯҳон, соҳибони андарзномаҳо ва худи шоирон низ ҳамвора ба он таваҷҷуҳ доштаанд, баррасӣ карда, дар бораи шабоҳатҳои ин падида бо назарияҳои муосири ғарбӣ сухан ба миён меоварад, ки аз густараи васеи дониши диссертант шаҳодат медиҳад.

Масъалаи умумият, тафовути назм ва шеър яке аз печидатарин масъалаҳои адабиётшиносӣ аст. Дар тӯли қарнҳои мутамодӣ то кунун даҳҳо андешамандону олимон дар ин бора ибрози назар кардаанд ва ба хулосаи ягона нарасидаанд. Душвории масъалаи мазкур сабаб шудааст, ки андешаҳои Сайфҷоми Ҳиравӣ дар ин бора ноҳамхон буда, дар камоли диққат нестанд. Масалан, Сайфҷом анвои назмро ба шеър, ғазал, рубоӣ, маснавӣ ва қитъа тақсим кардааст, ки аз назари диссертант пинҳон намондаанд. Чиллаев С. Ҷ. назари хешро чунин баён мекунад: «Дар тақсимбандии ӯ ишколе вуҷуд дорад, зеро ҳар як аз чаҳор навъи дигари назм, дар воқеъ, ба қолабҳои шеърӣ ишора доранд ва муаллиф, шеърро низ як навъ тасаввур кардааст, ки монанди қитъа сохтори мухтас ба худ дорад. Дар сурате ки имрӯз ҳар кадом аз он чаҳор навъи дигар низ шеър ҳастанд ва тафовут дар қолабест, ки дар он рехта мешаванд» (саҳ. 35). Воқеан, Сайфҷом вожаи «шеър»-ро дар радифи истилоҳоте чун «ғазал», «рубоӣ», «маснавӣ» ва «қитъа» гузоштааст. Ин истилоҳот, ки гоҳе

«жанр» ва гоҳе «шакли жанрӣ»-яшон мехонанд, бо мафҳуми «шеър», ки худ дарбаргирандаи онҳост, дар як радиф гузошта шудаанд. Ин адами диққати Сайфҷом аз назари диссертант дур намондааст.

Ҳамчунон ки Ибни Сино аҳли тасаввуфро ба зуҳҳод, уббод ва урафо тахсис дод, Сайфҷом шоиронро ба се гурӯҳ тақсимбандӣ кардааст: зоҳидон, обидон ва машоих. Ӯ зоҳидонро аҳли сурат мешуморад, ки «дар маънӣ кӯшиданд, то балеғу дақиқтар гарданд ва назар дар таркиб надоранд» (саҳ. 49). Обидонро мегӯяд, ки «дар таҳзибу танқеҳи лафзу таркиб кӯшиданд, то салису фасеҳу ҷазил оянд ва дар балоғату диққат илтифот нанмуданд» (саҳ. 51) ва ниҳоят, ба гуфтаи диссертант гурӯҳи севумро «эътидолгаро» номида, иброз медорад, ки онон «ҳам дар тасфияи маъниву ҳам таҳзибу таркиб (лафз) кӯшидаанд... ва ин тоифа афзалу акмаланд» (саҳ. 52). Аз ин мулоҳизот бармеояд, ки Сайфҷом шоиронеро, ки эътидолро дар лафзу маъно риоя мекунанд, акмали шоирон мешуморад. Аммо, диссертант ин назарро қабул надорад бо овардани се далел иддаои Сайфҷомро рад карда, таъкид мекунад, ки муаллифи «Ҷавомеъ-ус-саноеъ» «ба шаъни маънӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд». Воқеъан, Сайфҷом дар рисолаи хеш мукаррараран бар афзалияти маъно бар лафз таъкид меварзад, ки бо гуфтаи фавқи ӯ ихтилоф дорад. Аммо, далелҳое, ки диссертант барои радди назари Сайфҷом меорад ишкол доранд. Далели аввал ин гуна аст: «Вай дар сурудани шеър маъниро ба рӯҳ ва лафзро ба ҷасад ташбеҳ кардааст, ки мақсад аз рӯҳ(?) (бояд «мақсад аз ҷисм» бошад) ин маншаи ҳаракот ва муҷиби ҳаёт мебошад ва маъно ба монанди рӯҳи инсон аст», яъне ҷисм бе ҷон буда наметавонад ва ҷон бе ҷисм. Дар ин ҷо Сайфҷом дақиқан бар баробарии лафзу маъно ишора мекунад, на бар бартарии маъно. Далели дуюм низ қобили қабул нест. Диссертант менависад, ки «Шоироне, ки дар ҳавзаи адабии Ҳинд фаъолият мекарданд ва ба сабки ҳиндӣ шеър месурданд, дар баробари лафзпардозӣ, бевосита ба маънӣ низ гароиш

доштаанд». На ҳамаи шоироне, ки дар Ҳинд мезистанд, ба «сабки ҳиндӣ», шеър менавиштанд, бахусус, шоирони ҳамзамони Сайфҷоми Ҳиравӣ. Дар он замон ҳанӯз мафҳуми «сабки ҳиндӣ» ба маънои имрӯзаи истилоҳияш, вуҷуд надошт. «Тарз», «тариқ», «намат», «шева»-ро, ки Суҳроб Чиллаев дуруст ба он ишора мекунад, шумо метавонед дар осори илмию адабии қарни XI-XII пайдо кунед, вале нисбат додани навъе аз шеър, ё навъе аз сабки шеър ба ҷуғрофиёи шеъри порсии тоҷикӣ дар олимону шоирони он замон набудааст. Дар давраҳои баъд тақсимбандии ҷуғрофиёӣ пуррангтар мешавад ва дар тазкираҳои давраи сафавӣ, бахусус дар миёни фарҳангмадорони Шибҳи қораи Ҳинд амсоли Ғуломалихони Озод ё Сироҷуддин Алихони Орзу ва бисёре дигар, ки зарофатҳои сабку масоили сабки иқлимҳоро хеле хуб эҳсос мекарданд ва назариёти хеле ҷолибе роҷеъ ба ин масъала баён кардаанд.

Дар робита ба далели сеюми диссертант, ки мефармояд: «Сайфҷоми Ҳиравӣ худро «...ҳалқаи (иродати) муҳаммадиён дар гӯш дошт ва ғосия (?)-и муваддати сӯфиён ба дӯш дорад», медонад» низ ишколи дорад. Аввалан, шакли дурусти вожаи «ғосия» <u>«ғошия» аст: «ғошияи касеро бар дӯш доштан», яъне хидматгузор будан</u>) аст. Сониян, бояд арз кард, ки шеър аслан ҳунар аст ва аз нохудогоҳӣ шоир берун меояд. Кайфияти ҳунарии шеъри ирфонӣ ба таҷрибаи ирфонӣ вобаста аст. Таҷриба ҳарчи асилтар аст, баёноти он низ ҳунармандона аст. Ба баёне дигар, олами рӯҳии шоир ҳарчи ғанитару рангинтар бошад, ногузир зоҳиру ботини каломаш низ зебову дилнишин аст. Аз ин рӯ, шоиронро ба зуҳҳоду обиду шайх тақсим намудан хеле нисбист. Барои мисол, шумо метавонед ғазалиёти Ироқиро бо девони Шамс муқоиса фармоед. Каломи Мавлоно ҷаззобтар, лаззатбахштар аз шеъри Ироқӣ ва ё Неъматуллоҳи Валист, зеро таҷриба ҳарчи ноб, тоза ва асил бошад, баёни он низ ҳунаритар мешавад. Таҷрибаҳои ирфонии Мавлоно аз назари кайфӣ аз дидгоҳҳои қолабии Ироқӣ ва Неъматуллоҳи Валӣ фарқ мекунад. Дар забони

Мавлоно тахайюлоти халлоқ ҳузур дорад ва дар осори шоирони фавқуззикр баёноти қолабию такрорӣ, зеро таҷорубашон такрорист. Сайфҷом ба ҷои он ки шоиронро аз назари балоғат накд бикунад, ба равандҳои адабӣ аз нигоҳи ирфони суннатии замони хеш менигарад. Ин дидгоҳи Сайфҷом аз гароишҳои эътиқодии ӯ ба падидаи ирфон бармеояд ва бо назарияҳои накди адабӣ ва сабкшиносӣ созгор нест. Дар ҳақиқат, дар он замонҳо ҳанӯз ҷанбаҳои равоншиносӣ ва забоншиносии тасаввуф аз диди андешамандон берун будаанд, истилоҳоти улми адабӣ ҳанӯз аз назари илмӣ дақиқ набуданд ва бояд қоил шуд, ки дар рӯзгори мо низ ҳанӯз дар истеъмоли истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла адабиётшиносӣ сӯйитафоҳумҳои зиёде мушоҳида мешавад.

Чиллаев С. Ҷ. дидгоҳҳои Сайфҷоми Ҳиравӣ ва дигар балоғатпажӯҳони асримиёнагии порсии тоҷикиро дар бораи мухотаб бо назарияи Ролан Барт роҷеъ ба ҷойгоҳи мухотаб дар дарки осори адабӣ ба таҳқиқ гирифта, таъкид мекунад, ки «Шоирону адибони гузаштаи мо назариёти адабии худро дар лобалои гуфторашон ба тариқи омехта ва пароканда иброз доштаанд, танҳо коре, ки соҳибони ин макотиб анҷом додаанд, ҳамон гуфтаҳои донишмандони классикро бо тариқи илмӣ ва дастабандии равишманд накду баррасӣ кардаанд» (саҳ. 26). Бале дуруст аст. Дар назарияи адабии Сайфҷоми Ҳиравӣ ба андешаҳои дигаре бармехӯрем, ки баъдан ба назарияҳои бунёдии накди шеър табдил ёфтаанд. Масалан, ҳамон тавр ки худи диссертант ба монадии дидгоҳи Ҳиравӣ ба яке аз принсипҳои мактаби формалистони русӣ роҷеъ ба муҳим набудани шахсияти муаллиф ва истинод ба худи матни адабӣ ишора мекунад. Ё худ назарияпардозони суннатии мо роҷеъ ба масъалаи пайванди сурат бо маъно дар бораи тааддуди маъно андешарониҳо кардаанд, ки адабиётшиносони аврупоӣ Ричардз ва Одген бо таъсирпазирӣ аз назарияи «мусалласи маъноӣ»-и Готлиб Фреге, назарияи «маънои маъно» (the meaning of the meaning)-ро поя гузоштанд.

Чунин шабоҳатҳоро, ки дар зоти матни адабӣ нуҳуфтаанд, ки танҳо чашми тезбини ҳирфаии пажӯҳанда онҳоро мебинад. Шигифтовар он аст, ки назарияпардозони суннатии мо вежагиҳои мутуни бадеиро кашф мекунанд, тамйизу тафкик мекунанд, ном медиҳанд, аммо ба таҳқиқи жарфу густардаи онҳо намепардозанд. Аз ин рӯ, таърихи адабиёти мо аз нигоҳи назарияпардозии адабию зебоишиносӣ дар муқоиса бо мактабҳои илмии ғарбӣ хеле заиф аст. Ҳеч як аз осори илмии балоғати форсии тоҷикӣ фаротар аз шинохти зоҳирии санъатҳои бадеӣ нарафтаанд. Суоле дар зеҳни кас пайдо мешавад, ки чаро бо доштани чунин адабиёти куҳан ва ғанӣ, назарияҳои муносиб ба онро надорем? Агар ба таърихи андешаҳои адабию эстетикӣ назар андозем, хоҳем дид, ки нахустин назарипардозони адабиёт ва ҳунар фалосифа будаанд. Зикри номҳои Афлотун ва Арасту, Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино, Никола Буало ва Готхолд Лессинг, Ролан Барт, Юлия Кристева, Умберто Эко кофист, то дуруст будани ин фарзияро бипазирем. Назарияҳои адабӣ дар заминаи донишҳои жарфу густардаи фалсафӣ, ки на ба зоҳири масъала, балки ба ковиши моҳияти он мепардозанд, даст медиҳад. Ба ин далел иддаои таассуфбори Суҳроб Чиллаев, ки навиштааст: «Агар бо тааммул дар мавзӯъҳои матраҳнамудаи мактабҳои ғарбӣ нигоҳ кунем, дақиқан пай мебарем, ки назариёти нав баён надоштаанд. Шоирону адибони гузаштаи мо назариёти адабии худро дар лобалои гуфторашон ба тариқи омехта ва пароканда иброз доштаанд, танҳо коре, ки соҳибони ин макотиб анҷом додаанд, ҳамон гуфтаҳои донишмандони классикро бо тариқи илмӣ ва дастабандии равишманд нақду баррасӣ кардаанд» (саҳ. 26). На, чунин бардошт аз шабоҳатҳои зоҳирии дидгоҳҳои балоғатшиносони асримиёнагии форсии тоҷикӣ бо назарияҳои илмии ғарбии муосир аз рӯйи савоб нест. Ғарбиён бозёфтаҳои назарии хешро дар асоси таҳқиқи мутуни адабӣ халқ кардаанд. Онон, то он ҷое ки ин ҷониб огоҳ аст, бо улуми балоғии суннатии форсии тоҷикӣ ошно

набудаанд. Он монандиҳое, ки диссертант ба онҳо ишора мекунад, хоси ҳама гуна матни бадеиянд – чи шарқӣ ва чи ғарбӣ ва олимони ғарбӣ ба онҳо дар натиҷаи пажӯҳишҳои равишманду густарда ва жарф даррасидаанд.

Дар баробари муваффақиятҳои зикргардида дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо низ ба назар расиданд, киислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Дар рисола (саҳ. 10) гуфта шудааст, ки аз равишҳои татбиқӣ ва қиёсӣ истифода шудааст. Магар ин ду вожа як мафҳумро ифода намекунанд, ки онро дар адабиётшиносии тоҷикӣ «равиши муқоисавӣ» меноманд?

2. Дар Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда китоби «Ҷавоҳир-ул-балоға» иштибоҳан ба Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ мансуб дониста шудааст. Дар асл муаллифи он Аҳмад ал-Ҳошимӣ буда, аз ҷониби Ҳасани Ирфон тарҷума ва борҳо таҷдиди чоп шудааст.

3. Дар саҳифаи 50-уми рисола роҷеъ ба мубоҳисаҳое байни андешамандону аҳли ирфон пайваста сурат мегирифтаанд ибрози андеша карда, нигоштааст, ки Ҳофизи Шерозӣ дар абёти зерин муҳтаворо аз сурат тарҷеҳ медиҳад:

Бо адлу фаҳму дониш доди сухан тавон дод,

Чун ҷамъ шуд маонӣ, гӯйи сухан тавон зад.

Аввалан, масъалаи робитаи Ҳофиз бо ирфон хеле нисбист ва дар адабиётшиносӣ қотеан ба исбот расидааст. Сонияи, манзури Ҳофиз аз ин байт комилан чизи дигар аст. Ӯ хеле возеҳ мегӯяд, ки чун дониш афзун шавад метавон суханвари хубе шуд ва баёни зебое дошт.

4. Диққат дар бознависии матни аслӣ ба кириллик бисёр муҳим аст. Ноҷо гузоштани як вергул, ҳарфи изофӣ ё ғалатхонии вожагону ибороти матни асл ба иштибоҳ дар дарки контекст мебарад. Баъзан ҷумлаҳои матни рисолаи Сайфҷом нодуруст баргардон шудаанд. Масалан, ҷумлаи

«Фааммо чун матлуби мо он аст, ки дар тафҳими мисраъ ва дар таълиму машбаъ бувад дар ғавомиз ба куллӣ кушодатар шарҳ додем» номафҳум аст. Шакли дурусти он чунин аст: «Фааммо чун матлуби мо он аст, ки дари тафҳими мусреъ ва дари таълим мушбеъ бувад, дари ғавомиз ба куллӣ кушодатар шарҳ додем». Ҷумлаи дигар: «Фааммо агар касе (?) дар асли (?) фитрат закову фитнатан (?) маҷбулу маҳсул бувад ба касб, (?) бар ҳақоиқу дақоиқ, латоифу зароиф дар ин даст тавон ёфт» (саҳ. 34). Тарзи дурусте, ки маъно равшан мешавад, чунин аст: «Фааммо агар касеро дар асл фитрат, зако ва фитнат маҷбулу маҳсул бувад ба касб бар ҳақоиқу дақоиқ ва латоифу зароиф, дар ин даст тавон ёфт». Вожаи «фитнат» шакли ҷамъи «фитан» аст ва дар матни рисолаи Сайфҷоми бо «ط» омадааст ва маънояш «зиракӣ», «тезфаҳмӣ» ва «доноӣ» аст. Хониши он дар шакли «фитнатан», ки аз «фитна асту бо «ت» навишта мешавад, нодуруст аст. Дар саҳифаи 42-юми рисола иқтибос аз Сируси Шамисо низ дар натиҷаи ғалатхонӣ номафҳум омадааст: «Асари адабиро ба лиҳози нависанда баррасӣ мекунанд, шеърро навъи баёни мофиззамир, туғёну резиши калимот ва адои эҳсосот медонанд, (ки) навъи маҳсули тахайюли шоир аст ва дарёфту афкор(у), эҳсосоти шоирро нишон медиҳад. Мунтақид асари адабиро ба лиҳози самимият ва хулусу асолату кифояти он дар баён(и), тахайюлот ва диди фардии шоиру вазъи зеҳнии ӯ баррасӣ мекунад».

5. Дар саҳифаи 52-юми рисола омадааст: « Гуфтан бамаврид аст, ки ба ғайр аз аҳли тасаввуф, аксари донишмандон ва назарияпардозони классик ба мактаби суратгароён гароиш доштаанд». Шояд манзури Чиллаев С. Ҷ. ин бошад, ки назарияпардозони классики мо бештар ба ҷанбаҳои зоҳирии каломи бадеӣ таваҷҷуҳ доштаанд. Мафҳуми «мактаби суратгароён» дар нимаи аввали қарни XX ба вуҷуд омад. Дар ин ҷо муносиб медонам ба мафҳуми «формализм» назари хешро баён намоям. Аксари пажӯҳандагон бино бар унвони ин мактаби номдори илмӣ онро

суратгаро мешуморанд ва мегӯянд, ки ба ҷанбаҳои маъноии матн таваҷҷуҳ намекардаанд. Ин назари комилан ғалат аст. Намояндагони формализм мисли Юрий Тинянов, Борис Эйхенбаум, Виктор Шкловский ва дигарон дар бораи мафҳуми форма мақолоти арзишманде навиштаанд. Форма, яъне «сурат» шакли зоҳирӣ нест, балки маҷмуаи бофтаҳои дарунии маъноист.

6. Бар иловаи ин дар рисола омадааст, ки «дар солҳои охир назарияпардозони ғарбӣ иқдом пеш гирифтанд, ки адабиётро аз назари забоншиносӣ мавриди накду баррасӣ қарор диҳанд». Дар ин бора ҳанӯз Гумболдт дар оғози қарни XIX ва Фердинант де-Соссюр, В. В. Виноградов, А. А. Потебня, В. М. Жирмунский ва дигарон дар оғози қарни XX нукоти арзишмандеро ироа карда буданд, ки боиси пайдоиши назария ва равишу мактабҳои ҷадид гардид.

Матолибе, ки дар боло қайд шуданд ислоҳпазир буда, муаллифи рисола вазифаҳои дар назди хеш гузоштаро ба хубӣ ҳаллу фасл намудааст ва кори ӯ таҳқиқ анҷомёфтаи илмӣ ва пажӯҳиши ҷадиде дар адабиётшиносии тоҷик қаламдод мешавад. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаи чопшудаи диссертант мухтавои рисоларо инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Чиллаев Сухроб Ҷӯрахонович дар диссертатсияи хеш таҳти унвони «Афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии Сайфҷоми Ҳиравӣ дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» ба талаботи меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмӣ, ки Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 - Назарияи адабиёт ва матншиносӣ мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**директори Китобхонаи марказии**
**илмии АМИТ** **Сӯфиев Шодимаҳмад Зикриёевич**

Имзои Сӯфиев Шодимаҳмад
Зикриёевичро тасдиқ мекунам:

Нозири кадрҳои Китобхонаи марказии
илмии АМИТ Мусаввирова Ш.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе: Хиёбони Рӯдакӣ, 33
E-mail: sufizadeh@gmail.com
Тел: +992907701111